Талбияаи Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ин гуна буд: "Лаббайкаллоҳумма лаббайк, лаббайка ло шарика лака лаббайк, инналҳамда ванниъмата лака валмулк ло шарика лака

Аз Абдуллоҳ ибни Умар (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки Талбияаи Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ин гуна буд: "Лаббайкаллоҳумма лаббайк, лаббайка ло шарика лака лаббайк, инналҳамда ванниъмата лака валмулк ло шарика лака". Ровӣ мегӯяд: Абдуллоҳ ибни Умар (разияллоҳу анҳумо) илова бар ин мегуфт: Лаббайка, лаббайка ва саъдайка вал-хайру биядайка, лаббайка варрағбоу илайка вал-амалу. Тарҷума: Фармонбардорам Худовандо! Фармонбардорам, фармонбардорам, Ту шарике надорӣ. Ҳамоно ситоиш ва неъмат аз Туст, подшоҳӣ низ аз Туст, Ту шарике надорӣ. Иловаи Абдуллоҳ ибни Умар (разияллоҳу анҳумо): Фармонбардорам, фармонбардорам ва саодатмандӣ ва хушбахтӣ аз сӯи Туст ва хайр ба дастони Туст, фармонбардорам ва умеду рағбат ба сӯи Туст ва амал низ барои Туст.

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Ҳангоме ки Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мехостанд ба ибодати Ҳаҷ ё Умра ворид шаванд, талбияаи ӯ чунин буд: (Лаббайкаллоҳума, лаббайка) иҷобати устувор ва пайваста ба даъвати Ту, дар он чи ки даъватамон кардай, бо ихлос, тавҳид, ҳаҷ ва дигар ибодатҳо. (Лаббайка, ло шарика лака, лаббайка), танҳо Ту сазовори ибодат ҳастӣ, шарике дар Рубубият ва Улуҳият ва номҳо ва сифатҳоят надорӣ. (Инналҳамда) шукру ситоиш, (ванниъмата) аз сӯи Ту ва Ту атокунандаи он ҳастӣ, (лака) дар ҳама ҳолатҳо барои Ту сарф мешавад, (валмулк) ҳамчунин аз они Ту аст, (ло шарика лака) ҳама чизҳо танҳо барои Ту аст. Абдуллоҳ ибни Умар (разияллоҳу анҳумо) ба он ин чанд ҷумлаи дигарро илова мекард: (Лаббайка, лаббайка ва саъдайка) маро баъд аз ҳар хушбахтӣ боз хушбахт гардонӣ, (валхайру биядайка) ва некӣ дар дастони Ту ва бо фазли Ту аст, (Лаббайка варрағбоу илайка) талаб ва дархост ба суи касе аст, ки хайр ба дастони ӯст. Ва амал барои Ту аст, зеро танҳо Ту сазовори ибодат ҳастӣ.


النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY


لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC
E-Da'wah Committee